# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н. (раиси комиссия), доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Собирзода Н.М. (аъзо) ва доктори илмҳои иқтисодӣ профессор Хоҷаев П.Д. (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 03.01.2024, суратмаҷлиси №52 таъсис дода шудааст, диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовнаро дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгири муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровардаанд:

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия», муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расидадониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи муаллиф ба шумор меравад, ки он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ-методии равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалиро дар субъектҳои хоҷагидорӣ дар бар мегирад.

Дар замони муосир, баҳисобгирии муҳосибӣ бахши муҳимтарини субъектҳои хоҷагидорӣ ба шумор меравад. Бахши муҳосибот таъминкунандаи ягонаи иттилооти иқтисодии бо ҳуҷҷатҳо асоснокшуда дар бораи мавҷудият ва истифдаи воқеии дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, равандҳои хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои фаъолияти корхона мебошад. Муҳосибот тавассути ҳисоботи молиявӣ пеш аз ҳама иттилооти воқеъбинонаро дар бораи вазъи молиявӣ, ки ченаки асосии арзёбии он устувории молиявӣ мебошад, пешниҳод мекунад. Дар баробари ин, дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва рушди ҳамгироии иқтисодии

байналмилалӣ талабот ба баҳисобгирии муҳосибӣ меафзояд. Яъне он бояд ба талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ, эҳтиёҷоти истифодабарандагони дохилӣ ва берунии иттилоот ҷавобгӯ бошад ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти субъекти хоҷагидориро ошкор созад.

Новобаста аз он ки низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамеша дар раванди такмилёбӣ қарор дорад, вазифаҳои бевосита иҷрошаванда, инчунин санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи он имкон намедиҳанд, ки дар доираи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳаҷми кифояи иттилооти саҳеҳ ва эътимоднок дар бораи вазъи воқеии молиявию хоҷагидории корхона ташаккул ёбад. Камбудиҳо дар раванди ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ барои иҷрои рисолати асосии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ монеаҳоро ба миён меоранд. Вобаста ба ин, зарурати таҳия намудании асосҳои назариявӣ-методологӣ ва ташкуилӣ-методӣ, инчунин коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ба миён омадааст, ки мубрамии мавзуи таҳқиқотро муайян мекунад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро гадрдида, дар кафедраи мазкур муҳокима ва ба зинаи минбаъда тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32, 33 ва 34 – и Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

Дар шароити амалигардонии ҳадафҳои стратегии мамлакат ва «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти давлат, аз ҷумла дар баҳисобгирии муҳосибӣ масъалаҳои мубрам ва таъхирнопазиреро ба миён овард, ки омӯзиш ва таҳқиқи ҷиддиро талаб мекунанд. Вобаста ба ин метавон қайд намуд, ки дар раванди ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки

яке аз ҳадафҳои асосии он татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад, мушкилотҳои зиёде пеш меоянд, ки маҳз бо таъсири равандҳои ҳамгирой марбут мебошанд. Аз ин рӯ, ин ҷараён аз мақомоти танзимкунандаи соҳа, инчунин аз муҳаққиқони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ андешидани тадбирҳои дахлдори илмӣ-амалиро тақозо мекунад.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 – юми декабри соли 2021, тахти №349 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 28 корҳои илмӣ, аз ҷумла 1 монография ва 16 мақола бо ҳаҷми 17,2 ҷ.ч. (аз ҷумла 14,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Ҷаҳонишавии иқтисодиёт: муаммоҳо ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва омор» (Душанбе, 2016), «Рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2017), «Рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» (Душанбе, 2022), XXII-умин конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Иқтисодиёт, тиҷорат, инноватсия» (Пенза, 2023), V-умин конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Иқтисодиёт, молия ва идоракунӣ: масъалаҳои мубрами назария ва амалия» (Пенза, 2023), «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир» (Душанбе, 2023) ва дигарҳо баҳои мусбат гирифтаанд.

Муқаррароти муҳими диссертатсия дар ҷараёни таълими Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳангоми хондани дарсҳо дар зинаи бакалавриат ва магистратура аз фанҳои

«Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ», «Аудит», «Назорати давлатии молиявӣ», «Баҳисобгирӣ ва ҳисоботи андоз», «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит» (Санад аз 10.02.2023с.) истифода шудааст. Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии муҳосиботи корхонаҳо барои татбиқ қабул шуда, аз ҷумла дар ҶСП «Комбинати металургии тоҷик» (маълумотномаи №16/8 аз 6.04.2023с.) ва ҶДММ «Моор Стивенс» (маълумотномаи №34 аз 12.04.2023с.) истифода мешаванд.

6. Дар диссертатсияи Қодирова Г.Т. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

7. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Қодирова Г.Т. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопнагардида мавҷуд нест.

8. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32, 33 ва 34-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмии барои ҳимояи расмӣ пешниҳодшаванда мебошад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илми иқтисодиёт шаҳодат медиҳад.

Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, инчунин бандҳои 67, 69, 74-75 -и Тартиби додани дараҷаҳои илм (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ба ӯҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Шарифов Зариф Раҳмонович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур;
- **Исроилов Боходир Ибрагимович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили молиявӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошкент (Ҷумҳурии Ӯзбекистон);
- **Кошонова Манзура Раҳматҷоновна,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муқаррар карда шавад

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Дадоматов Д.Н.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Собирзода Н.М.**

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шурои диссертатсионӣ **Хоҷаев П.Д.**